5.2.3. Иқтисодиёти регионалӣ ва соҳавӣ
5.2.3. Региональная и отраслевая экономика
5.2.3.The regional and national economy

УДК 338.1
ББК 65.9 (5)2/4

**ПРОБЛЕМАҲОИ ТАҲИЯИ СИЁСАТИ САНОАТ ДАР ЗАМИНАИ САНОАТИКУНОНИИ КИШВАР**

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна** - муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: sanam85@mail.ru*

**ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПОЛИТИКИ В ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ**

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна** - преподователь кафедры мировой экономики ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова". г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail: sanam85@mail.ru*

**PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL POLICY IN THE INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY**

***Askarova Sanavbarkhon Sultonhodzhaevna** - Lecturer at the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail: sanam85@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** саноатикунонӣ, технологикунонии истеҳсолот, саноатӣ-инноватсионӣ, сиёсати саноатӣ, механизми хоҷагидорӣ, рақобатпазирӣ, ҳавасмандкунӣ.*

*Дар мақола проблемаҳои таҳияи сиёсати саноат дар заминаи саноатикунонии кишвар барраси карда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муосир оиди дарки нақш ва барои рушд ёфтани соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳо системаҳои саноатии кишвар ташаккул дода шуда таҳқиқи баррасӣ карда шудааст.*

*Афзалиятҳои сиёсати саноати давлатӣ бояд пеш аз ҳама дар доираи васеъи иштирокчиёни чорабиниҳои асосии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне давлат, ниҳодҳои он, намояндагони ҷамъиятҳо ва дигарон мавриди муҳокимаи кушод қарор ёфтааст нигаронида шудааст.*

***Ключевые слова:** индустриализация, технология производства, индустриально-инновационная и промышленная политика, экономический механизм, конкурентоспособность, мотивация.*

*В статье рассматриваются проблемы развития промышленной политики в условиях индустриализации страны. Автор отмечает, что на основе результатов современных научных исследований роли и развития социально-экономических секторов страны сформированы и изучены промышленные системы страны. Приоритеты государственной отраслевой политики должны открыто обсуждаться широким кругом участников основных мероприятий промышленной политики Республики Таджикистан - государством и его институтами, обществом и др.*

***Key words:** industrialization, production technology, industrial-innovative, industrial policy, economic mechanism, competitiveness, motivation.*

*The article examines the problems of the development of industrial policy in the context of the industrialization of the country. The author notes that based on the results of modern scientific research on the perception of the role and development of the country's socio-economic sectors, the country's industrial systems have been formed and studied.*

*The priorities of the state sectoral policy should be openly discussed by a wide range of participants in the main events of the industrial policy of the Republic of Tajikistan - the state, and its institutions, society, etc.*

Дар шароити муосир барои рушд ёфтани соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳо системаҳои саноатӣ ташаккул дода шуда, рушд меёбанд, ки онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун маҳаки рушди ин соҳаҳои кишвар ҳисобида мешаванд. Барои ҳамин зарур мешуморем, ки мафҳуми системаи саноатро аниқтар ва равшантар

таҳқиқ намоем ва муайян намоем, ки то чи андоза ақидаҳо дар корҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ бараъло инъикос гардида аст. Масалан Е.Н. Стрижакова дар мақолаи илмиаш тахти унвони «Системаи саноати Россия: омилҳо ва рушд» зикр мекунад, ки «Дар адабиёти иқтисодӣ системаи саноатиро бештар ҳамчун истеҳсолоти саноатӣ мегӯянд ва бо ин мақсад онро аз комплекси кишоварзӣ ҷудо мекунанд…». Аммо дар ин ҷо аз ҷониби муаллиф таърифи системаи саноат дода намешавад. Фақат қайд карда мешавад, ки асоси методикаи муаллифии вобаста ба системаи саноатро назарияи омилҳои истеҳсолот, назарияи технологикунонии истеҳсолот ва усули таҳлили сохторӣ ташкил медиҳанд[1].[1,С. 53-70]. Чи тавре, ки мушоҳида мекунем дар ин мақола муаллиф мазмуни мафҳуми системаи саноатро кушода намекунад ва дар асоси назария ва усули таҳлил тамоми фаъолиятҳои вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар гурӯҳҳои сохторҳои агрегиронишуда тибқи принсипҳои монандии равандҳои технологӣ ва истеҳсолоти якхела гурӯҳбандӣ мекунад. Муалифони мақолаи «Мафҳуми системаи истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ ва давраҳои рушди он» вобаста ба системаи истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ маълумот оварда, ақидаҳои якчанд муаллифон дар бораи ин мафҳумро мавриди омӯзиш қарор дода, аммо вобаста ба системаи саноат бошад таъриф надодаанд. Танҳо аз ҷониби онҳо қайд карда шуда аст, ки «…системаи истеҳсолӣ дар соҳаи саноат яке аз фаъолиятҳои ба вуҷуд оварандаи системаи саноатӣ дар маҷмӯъ мебошад ва бавуҷуд омадани ин ё он намуди системаи истеҳсолӣ бо ташаккул ёфтани талабот ба маҳсулот дар бозор асоснок карда мешавад, ки онро баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои харидорон равона месозанд»[2].[2,С. 48-51].

Муҳаққиқи намоёни рус О.С. Сухарев аҳамияти бунёдӣ доштани саноат дар рушди иқтисодиро қайд намуда, ишора ба он мекунад, ки системаи саноати муосир дар худ на танҳо соҳаҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои саноатӣ ва шабакаҳои истеҳсолиро дар бар мегирад, балки элементҳои инфрасохтории самтҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро низ фаро мегирад, ки барои рушди саноат поя мегузоранд. Дар мақолаи «Сиёсати иқтисодӣ: стратегия ва маҳорат» муаллиф технологиякунонии системаҳои иқтисодиро таъриф дода, қайд менамояд, ки «Системаи саноатӣ рушд мекунад ва технологикунонии худро дар асоси техникаи ташкил дода мешуда дар таркибёбии хазираҳои инсониву техникӣ таъмин менамояд. Барои ҳамин бештари хусусиятҳои системаҳои техникӣ, принсипҳои эволютсияи онҳоро метавон дар маҷмӯъ дар ситемаҳои саноатӣ татбиқ намуд».[3] [3, С. 661]. Аммо чи гунае, ки мебинем аз ҷониби муаллиф оид ба таърифи аниқи системаи саноатӣ маълумот дода намешавад.

Дар корҳои олимони ватанӣ низ таърифи системаи саноат мавҷуд нест. Аммо дар баъзе корҳои олимони ватанӣ оид ба комплексҳои саноатӣ сухан меравад. Масалан Н. Қаюмов шарҳи механизми хоҷагидории саноатиро баён карда, ба равишҳои системавии таҳқиқот ва идоракунии комплексҳои саноатии минтақаҳо ишора мекунад. Муаллиф вобаста ба комплексҳои саноатӣ тавсиф дода бошад ҳам аммо мафҳуми системаи саноатро аниқ намекунад[4]. [4, С. 7-22].

Дар бештари корҳои муҳаққиқони ватанӣ[5], ки аз ҷониби мо мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуд, ҳарчанд ба мафҳуми «системаи саноат» дучор ҳам гардем, аммо таърифи аз чониби муаллифон дода шуда, ва кушодани таърифҳои мавҷудбуда дида нашуд. Дар баъзеи онҳо вобаста ба комплексҳои ҳудудӣ–истеҳсолӣ, ки равиши ситемавиро истифода мебарад, суханронӣ карда шуда, дар якеаш бошад оид ба ҳалқаҳои саноат ва марказҳои саноат, дар дигараш бошад моделҳои рушди саноатӣ-инноватсионӣ сухан меравад. Аз ҷумла дар бештари корҳои олимони ватанӣ нақши муҳими системаҳои

---

[1] Стрижакова Е.Н. Промышленная система России: факторы развития // Вестник Института экономики РАН / Е.Н. Стрижакова. Москва, 2016. - № 4. - С. 53 (С. 53-70).

[2] Вайкок М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития // Инновации и инвестиции / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.

[3] Ниг. ба: Сухарев О.С. Экономическая политика: стратегия и тактика // «Технологичность» российской экономики и новые меры промышленной политики. Захираи электронӣ. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_PTPU_2016-05-8-22.pdf. (санаи муроъиат 12.04.2021); Сухарев О.С. Экономическая политика и развитие промышленности. - М.: «Финансы и статистика», 2011. – С. 48. (216 с). ISBN: 9785279035007

[4] Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.

[5] Ниг. масалан ба: Низомова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий переходной экономики // Монография / Т.Д. Низомова. - Душанбе: «Ирфон», 2005. -130 с.; Пулатова И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике (на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан) // Автореф. дисс. барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ / И.Р. Пулатова - Душанбе, 1999. - 25 с.; Саидмуродов Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир / Л.Х. Саидмуродов, Душанбе, 2015. - № 6 (49). - С.20-25.; Мирсаидов А.Б. Кластер как рыночный институт развития пространственной экономики // Экономика Таджикистан / А.Б. Мирсаидов. - Душанбе, 2016. - № 1. - С.61-75. Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. Шамсиев Ф.К., Ходиев Д.А. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

саноатии минтақавӣ дар рушди иқтисодии кишварро дидан мумкин асту аммо шарҳи пурраи системаи саноати минтақаҳо дида намешавад. Таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо бештар назарияҳоеро дидан мумкин аст, ки дар шароитҳои муосир дар фазои минтақавӣ нақши муҳими на танҳо активҳои моддиро баррасӣ намудаанд, балки нақш доштани активҳои ғайримоддӣ ба монанди иттилоот, инноватсия, инфрасохтор, комуникатсия ва дигарҳоро зарур медонанд, ки дар навбати худ ба ташаккул ёфтани шароитҳои мусоиди рушди системаҳои саноатӣ мусоидат мекунанд. Аммо дар ин корҳо низ аз ҷониби муаллифон шароитҳову шартҳои ташаккулёбии ситемаҳои саноатӣ баррасӣ гардида, оид ба мафҳуми системаи саноатӣ маълумот дода намешавад. [5, С. 61-75].

Ҳамин тавр таҳлилҳои олимони ватаниву хориҷиро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки чи дар адабиёти хориҷӣ ва чӣ дар адабиёти ватанӣ таърифи мушаххаси системаи саноат хело кам ба назар мерасад ва аз ин лиҳоз месазад, ки ба ин мафҳум равшанӣ андозем.

Бояд қайд намуд, ки ба мафҳуми системаи саноатӣ мафҳуми «системаи индустриалӣ» хело наздик мебошад. Чи хеле, ки муаллифони мақолаи «Системаи индустриалӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ» қайд менамоянд «Вобастагии чуқури системаи индустриалӣ аз давлат ва тавсифи ҳамкориҳо бо мақомотҳои давлатӣ, яъне нисбияти элементҳои баробаршавандаи ҳокимияти давлатӣ бо мақсадҳои ҷамъият шарти асосии мутавозунии системаи давлат ва ҷамъият мебошад ватағйиротҳову рушд, мутобиқшавӣ ба талаботҳои тағйирёбиҳо дар муҳити берунаро муайян месозад. Дар ҷамъияти муосири иттилоотӣ системаи индустриалӣ қисми ҷудонопазири системаи давлатдорӣ мебошад»[1]. [6, С. 48-51]. Бояд қайд намоем, ки категорияи «системаи индустриалӣ» ҳанӯз аз ҷониби А. Смит ба доираи илмӣ ворид карда шуда буд ва вай мӯҳтавои иқтисодӣ-сиёсии системаи саноатиро муайян карда буд.

Консепсияи рушди системаҳои саноатӣ дар назар дорад, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мақоми калидиро истеҳсолоти моддӣ касб намуда аст, ки дар натиҷаи саноатикунонӣ ё худ «индустриализатсия» саноатро ташкил медиҳад. То охирҳои асри XX мафҳуми системаи саноатӣ бо мӯҳтавову ҷавҳари истеҳсолоти саноатии корхона якхела фаҳмида мешуд. Асоси модели чунин намуди корхонаро функсияи мақсад ташкил медиҳад, ки натиҷаҳо, хароҷот ва захираҳоро миқдорон ба ҳамдигар алоқаманд месозад. Дар назарияи неоклассикӣ аз ҷониби инъикоскунандагони назарияи рақобати комил истеҳсолоти саноатиро ҳамчун системаи ба таври автоматӣ идорашаванде инъикос карда мешуд, ки корхонаи саноатӣ элементи он мебошад. Барои ҳамин ҳам дар шароитҳои рушд кардани бозор ба чунин элементе ба мисли корхонаи саноатӣ ҳам омилҳои беруна ва ҳам омлиҳои даруна ва ё элементҳои фарқкунанда таъсир мерасонанд.

Дар асри нав дар раванди ташаккул додан ва идора намудани истеҳсолоти саноатӣ, махсусан дар сатҳи иқтисодиёти кишварҳо ва минтақаҳоои онҳо принсипи «якпорчагии системавӣ» ва равишҳои кластерии ташаккулёбии иқтисодиёт хело фарох истифода мешаванд. Мутобиқ ба ин равиш ва инпринсип ситемаи саноати кишварҳо ва минтақаҳои ҷудогонаи онҳо ҳамчун сохтори ситемавии дохилииэлементҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамкор дида мешаванд, ки барои иҷро гардидани функсияҳои мақсадноки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар заруранд. Дар ин раванд ҳамчунин рушди назарияи «синергетика» низ бараъло ба назар мерасад, ки қонуниятҳои умумии равандҳои ташаккулёбии ҳолати устувор ва вайрон гардидани сохторҳои мураккаби иқтисодӣ, аз он ҷумла системаҳои саноатиро инъикос мекунад. Бо дигар ибора синергетика назарияи системаҳои мураккабе мебошад, ки барои муайянкардани қонуниятҳои эволютсия ва худташаккулёбии системаҳо бо дарназардошти таъсир расонидан ба бесарурсомонӣ ва идора намудани онҳо равона гардида аст.

Ҳамин тариқ метавон тазаккур дод, ки асосҳои ба вуҷуд омадани системаҳои санотии муосир дар маҷмӯъ ба назарияҳои мукаммалии системавӣ, равишҳои кластерии ташкилдиҳии истеҳсолот, назарияи синергетика бунёд гардида, дар навбати худ дорои зерсистемаҳои гуногунҷабҳаи фарқкунанда мебошанд (расми 1.1).

Умуман дар системаи саноатӣ метавон якчанд намудҳои фарқкунандаи зерсистемаҳоро ҷудо намуд: зерсиситемаҳои саноатии истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва истеъмолкунандагон. Ба зерсистемаи аввал субъектони истеҳсолкунандаи система дохил мешаванд, ки ба онҳо корхонаҳои саноатӣ шомил мебошанд. Ба зерсистемаи ғайриистеҳсолӣ бошад тақсимкунандагон ва интиқолкуннадагони маҳсулот дохил мешаванд, ки хизматрасониҳои ба фурӯш баровардани маҳсулотро мерасонанд. Чи хеле, ки аз маълумотҳои дар модели 1 овардашуда мебинем, системаҳои истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда ба системаи истеҳсолоти моддӣ ва системаи ғайриистеҳсолӣ бошад ба соҳаи муомилот тааллуқ доранд.

Бояд қайд намоем, ки баъзе субъектони истеҳсолкунанадаи система ҳамзамон ба ҳайси истеъмолкунанда низ баромад мекунанд, ки онҳо истеъмолгарони захираҳои ашёҳо, маводҳо, меҳнат, таҷҳизот мебошанд.

---

[1] Вдовенко З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности // Транспортное дело России / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова– М, 2014. - № 6. - С. 48-51.




*Расми 1 Модели консептуалии асосҳои ташаккулёбӣ ва рушд ёфтани системаҳои саноатӣ*

Дар навбати худ системаҳои истеъмолкунанда гоҳо нақши истеҳсолкунандаро низ мебозанд, зеро онҳо азнавкоркардкунӣ ва бартараф кардани камбудиҳоро иҷро мекунанд. Зерсистемаи тақсимкунанда ва ба фурӯш бароранда бо ташкили хизматрасониҳо бошад, гардиши воситаҳо дар системаи саноатӣ ва рушди устуворро суръат мебахшад. Аммо бояд қатъиян қайд намоем, ки ғайри ин зерсистемаҳо инчунин зерсистемаи экологӣ вуҷуд дорад, ки нақши он дар тамоми зерсистемаҳо муҳим мебошад ва он дохил намудани давлат ба системаи саноатӣ ва мутаҳидшавии ниҳодиро талаб мекунад, ки дар ин талаботаш ҷуброни зарари заҳролудкунии муҳити атроф ва тақсим намудани тавакалҳо (хатарҳо) дар байни иштирокчиёни системаи саноати миллиро дохил менамояд. Дар маҷмӯъ чунин тасвири соддаи схематикии элементҳо ва ё зерсистемаҳои системаи саноати миллӣ имконият медиҳад, ки сохтор ва алоқамандиҳои система хубтару афзалтар дида баромада шавад. Дар доираи мӯҳтавои мантиқии системаи саноати милливу минтақавӣ мувозинати динамикӣ ҷой дорад, ки бо самараи синергетикии ҳамкориҳои элементҳои ҳамдигарро пурракунанда ва ё зерсистемаҳо тавсиф дода мешавад.

Ташкили алоқаҳои системаи саноатии корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ бо истеъмолкунандагони маҳсулоти онҳо хусусити хоси ташаккулёбии пояи моддиву техникии саноат мебошад. Айни замон бошад корхонаҳо алоқаҳои худро бо истеъмолгарон гум кардаанд.

Бояд қайд намоем, чи гунае, ки тамойилҳои рушди системаи саноати кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ба системаи саноатӣ як қатор элементҳои инфрасохторӣ аз қабили озмоишгоҳҳои илмӣ, ки рушди корҳои илмӣ тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ, амалисозии натиҷаҳои онҳо дар амалияро таъмин менамоянд, ниҳодҳои махсуси илмӣ-тадқиқотӣ, макотибҳои олӣ ва ғ. дохил мешаванд[1].[7, С. 7-22]. Бо ибораи дигар, комил будани системаи саноати миллӣ бо сатҳу дараҷаи алоқаҳои истеҳсолот бо дигар соҳаҳои саноат, иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои илму маориф муайян мегардад, ки дар маҷмӯъ дорои алоқаҳои васеъи байни мақомоти маҳаллии давлатӣ, корхонаахои саноатӣ, таъминкунандагони захираҳо ва ашёи хом, инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳаҳои таъминоти иттилоотии фаъолияти система, сектори истеъмолӣ, корхонаҳои тақсимкунанада ва ба фурӯш бароварандаи маҳсулоти истеҳсолмешуда, инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад.

Ҳамин тавр системаи саноати кишвар бо рушд додани ҳамкориҳои байни корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолот, бо дигар соҳаҳои иқтисодии кишвар, бо соҳаҳои илму маърифат комил мегардад ва самаранокиву маҳсулнокии он бо сохтори он муайян мегардад, яъне бо ҷудо намудани соҳаҳои локомотивӣ, пешбаранда, омодасозанда, ба фаъолиятоваранда муайян мегардад. Соҳаҳои ба фаъолиятоваранда рушди саноатро ҳавасманд месозунду соҳаҳои локомотивӣ дар маҷмӯъ ба пешрафти тамоми системаи саноати миллӣ мусоидат мекунанд. Саноати пешраванда тараққиёти тамадуннокро таъмин намуда, маҳсулоти пшесафи миллиро муайян мекунад. Соҳаҳои таъминоти захиравии саноатӣ истеҳсоли бунёдии хоҷагидориро таъмин менамоянду соҳаҳои умумии саноатӣ бошанд соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеъмоли ниҳоиро таъмин мекунанд. Зарур аст, ки схемаҳои мушаххаси рушди саноати миллӣ маҳз бо таҷаммӯъи ин сохторҳо ҳамчун элементҳои сохтори системаи саноати миллӣ коркард карда шаванд. [8, С. 53-70].

Ҷанбаҳои татбиқӣ ва консептулаии назарияи системаҳои саноати миллӣ дар шароитҳои ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад. Зеро айни замон ҳукумати кишвар ба таври фаъол ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида истода аст, ки пеш аз ҳама самтҳои таъмини рушди устувори кишвар ва минтақаҳои он дар асоси гузаштан ба роҳҳои саноатикунонии рушдро дарбар мегирад. Дар алоқа ба ин ташкили шароитҳо барои ташаккул ва рушд додани системаҳои саноати миллӣ, ки табиати инноватсионӣ доранд яке аз масъалаҳои асосии сиёсати саноатии миллии муосир дар кишвар мебошад. Ташаккул додан ва сохторӣ намудани соҳаҳову комплексҳои саноатӣ, ки ҳамкориҳои судманди субъектону соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро таъмин менамоянд, бояд ҳамчун самти асосии коркадҳои стратегии усулҳои рушди кишвар ва сохторҳои он баромад кунанд (расми 2).

[1] Мантуров Д.В. О промышленной политике России на перспективу 2018-2030 гг. // Вестник МГИМО-Университета / Д.В. Мантуров. - М., 2018. - № 4(61). – С. 7-22.




*Расми 2. Ташаккулёбии соҳаи сиёсати саноатӣ*
*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳалли ин масъала бо якчанд проблемаҳо рӯ ба рӯ мегардад. Пеш аз ҳама ба ин проблеммаҳо мавҷуд набудани инфрасохтори ташаккулёбии системаи саноатӣ ва рушди инноватсионии он дохил шуда, баъдан коркарди механизмҳои сиёсати саноатӣ дар мартабаи асосӣ қарор гирифтаанд.

Вобаста ба ин месазад қайд намоем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони имрӯза дар созмон додани давлати бозорӣ бо ду консепсияи ғоявӣ бархӯрд мекунад. Консепсияи якум бар он назар аст, ки гузаштани кишвар аз тоталитаризм ба демократия ва иқтисодиёти хусусӣ маҳдуд намудани фаъолияти давлатро талаб мекунад. Консепсияи дуюм бошад ба таҷрибаи дигар кишварҳо такя намуда, дар назар дорад, ки иқтисодиёти муосири нав бидуни иштирок ва ҳавасмандгардонии давлат рушд карда наметавонад ва ҳамзамон талаб мекунад, ки функсияҳои аҳамиятноки давлат ҳамчун қуваи ташкилдиҳандаи ҷомеъа ва иқтисодиёт аз нав дида баромада шаванд. Консепсияи аввала инъикоси худро дар сиёсати иқтисодиёти рақобатӣ мебинаду, дуюм бошад дар сиёсати саноатӣ. Чунин ҳолат наметавонад дар равишҳои методологии сохтани механизмҳои идоракунии кишвар, махсусан ҳангоми коркарди сиёсати саноатӣ инъикос нагардад. Гузашта аз ин ба ин ҳолат сохтори муосири хоҷагидории халқ, сохтори соҳибмулкӣ ба воситаҳои истеҳсолӣ ва сохтори идоракунӣ мусоидат мекунад. [9, С. 73-81].

Таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳоти соҳаҳо рад кардани парадигмаи маъмули «монополияҳои табииро» талаб мекунад, ки айни замон барои Тоҷикистон имконнопазир аст. Воқеъан алъон дар кишвар сектори бозории моликияти хусусие, ки дар кишварҳои рушдкарда ба назар мерасад, ташаккул дода нашуда аст.

Ҳамин тавр, айни замон мутахассисон ҳарчанд дар сохтани сиёсати саноатӣ гуногунандешӣ дошта бошанд ҳам, ба он нуқтаи назаранд, ки дар кишвар сиёсати саноатӣ ва таҷҳизоту воситаҳои амалисозии он зарур аст. Аммо новобаста аз ҷой доштани нуқтаҳои назари гуногуни истилоҳи «сиёсати саноатӣ» дар маҷмӯъ тавсифҳои умумии он дида мешаванд. Имрӯз бештари олимони иқтисодчӣ ба ақидаи ягонае омадаанд, ки сиёсати саноатӣ на танҳо зарур аст, балки дар маҷмӯъ элементи марказии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ мебошад ва пеш аз ҳама ҳамчун инъикоскунандаи тараққиёт ва пешрафт кардани давлат мебошад. Инчунин баъзе фикрҳоеро дидан мумкин аст, ки дар онҳо сиёсати саноатӣ ҳамчун қисми табиӣ, аммо ҳамчун қисми марказии сиёсати давлатӣ баромад мекунад. Вобаста ба ин се ҳолатро қайд намудан мувофиқ ба мақсад мебошад: дар ҳолати якум то ба ҳол ягон назарияи мувофиқи сиёсати саноатӣ коркард карда нашуда аст, ва дар ҳар ҳолати мушаххас ва ҳар як давлат коркарди мутобиқ ба худи ҳамон давлат дида мешавад ва ё нусхабардории моделҳои дигарон дида мешавад. Дар ҳоллати дуюм ҳангоми коркард кардани сиёсати саноатии мушаххас як қатор омилҳои

тахассусияти ин ё он кишварро инъикос кунанда, таърихи он, рушди иқтисодиву саноатии он бояд ба назар гирифта шаванд. Маълум аст, ки дар ин ҷо проблемаи то чи андоза назария ва методология ин тахассусиятро қабул мекунад, ба миён меояд. Ҳолати сеюми то ҳол пурра ҳалношуда ин набудани ягонагии ақидаҳо дар байни назария ва амалия дар борai он, ки оё принсипи чунин сиёсати саноатиро таҳия кардан зарур аст ва ё ин танҳо як оқибати табиии сиёсати иқтисодии ҳар давлат дар маҷмӯъ аст? [10, С. 48-51].

Ин проблемаҳо сабаби мавҷуд набудани ақидаи ягона оид ба объекти сиёсати саноатӣ гардида, ҳамчунин ба самти сохтани пояи назариявию методологии сиёсати саноатӣ низ мусоидат нахоҳанд кард.

Ҳамин тавр мубоҳисаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи сиёсати саноатӣ, пеш аз ҳама, ҳангоми ташаккулёбии сиёсати саноатӣ бояд ба назар гиранд, ки барои дуруст ташаккул ёфтани он, омилҳо ва шароитҳои бунёдӣ мавҷуд ҳастанд ё не? Аз нигоҳи мо дар маҷмӯъ системаи онҳо ва дар алоҳидагӣ элементҳои ҷудогонаи алоқамандиҳои онҳо яке аз масъалаҳои муҳими назарияи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ мебошад. [11, С. 20-25].

Ҳамин тавр шароитҳои бӯҳрони ҷаҳонӣ ва натиҷаҳои манфии бо он алоқаманд ва инчунин зарурияти гузаштани иқтисодиёт ва ҷомеъа ба тартиби нави ҷаҳонӣ муайян кард, ки маҳз давлат бояд як қатор функсияҳои рушд кардани сектори воқеъии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама истеҳсолоти саноатиро бояд ба зимма гирад. Дар алоқа ба ин яке аз проблемаҳои муҳими назариявӣ, методологӣ ва амалӣ ин ташаккулёбӣ ва амалишавии сиёсати саноатии давлатии ба воқеъиятҳои ҷорӣ ҷавобгӯ буда дар сатҳи умумимиллӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ таҳлили тахассусияти Тоҷикистони муосир нишон медиҳад, ки афзалиятҳои сиёсати саноати давлатӣ бояд пеш аз ҳама дар доираи васеъи иштирокчиёни чорабиниҳои асосии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне давлат, ниҳодҳои он, сохтори тиҷорат, намояндагони ҷамъиятҳо ва дигарон мавриди муҳокимаи кушод қарор гирад. Баъдан сиёсати саноатӣ манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти саноатиро, новобаста аз потенсиали молиявиашон, шакли моликияташон, мақомашон дар ҷомеъа бояд баробар ба инбота гирад ва дар ниҳоят сиёсати саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таври афзалиятнок сарчашмаҳои маблағгузориҳои давлатии чорабиниҳои худро доошта бошад. Ин имконият медиҳад, ки сиёсати саноатӣ аз ифода ҳои субъективӣ, вобастагиҳои равандӣ ва манфиатҳои муғризона орӣ бошад. Ҳамин тавр тахассусияти сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки барои гузаронидани он танҳо як механизми бозорӣ нокофист. Идоракунии бомаҳоратонаи давлатӣ, алоқамандиҳои чандирии ин идорракунӣ ва танзими бозор зарурияти хоса доранд. [12, С. 71-83]. Сухан оид ба системаи нави самтҳои иқтисодие меравад, ки субъектони хоҷагидориро бахри рушди тавсияи тартиби нави технологӣ ҳавасманд месозад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Вайкок М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития // Инновации и инвестиции / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.
2. Вдовенко З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности // Транспортное дело России / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова– М, 2014. - № 6. - С. 48-51.
3. Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.
4. Мантуров Д.В. О промышленной политике россии на перспективу 2018-2030 гг. // Вестник МГИМО-Университета / Д.В. Мантуров. - М., 2018. - № 4(61). – С. 7-22.
5. Мирсаидов А.Б. Кластер как рыночный институт развития пространственной экономики // Экономика Таджикистан / А.Б. Мирсаидов. - Душанбе, 2016. - № 1. - С.61-75.
6. Низомова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий переходной экономики // Монография / Т.Д. Низомова. - Душанбе: «Ирфон», 2005. -130 с.;
7. Пулатова И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике (на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан) // Автореф. дисс. барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ / И.Р. Пулатова - Душанбе, 1999. - 25 с.;
8. Стрижакова Е.Н. Промышленная система России: факторы развития // Вестник Института экономики РАН / Е.Н. Стрижакова. Москва, 2016. - № 4. - С. 53 (С. 53-70).

9. Сухарев О.С. Экономическая политика: стратегия и тактика // «Технологичность» российской экономики и новые меры промышленной политики. Захираи электронӣ. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_ PTPU_2016-05-8-22.pdf. (санаи мурочиат 12.04.2021);
10. Сухарев О.С. Экономическая политика и развитие промышленности. - М.: «Финансы и статистика», 2011. – С. 48. (216 с). ISBN: 9785279035007
11. Саидмуродов Л.Х. Долгосрочное видение развития Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир / Л.Х. Саидмуродов, Душанбе, 2015. - № 6 (49). - С.20-25.;
12. Шамсиев, Ф.К. Теоретические аспекты региональной промышленной системы в условиях становления корпоративных отношений // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. Шамсиев Ф.К., Ходиев Д.А. – Худжанд, 2019. - № 1 (78). - С.71-83.

REFERENCES

1. Vaykok M.A., Vodozhdokova Z.A. The concept of the production system of an industrial enterprise and the stages of its development // Innovations and investments / M.A. Vaikok, Z.A. Vodzhdokova. - M., 2016. - No. 11. - P. 48-52.
2. Vdovenko Z.V. Industrial system in conditions of economic instability // Transport business of Russia / Z.V. Vdovenko, D.N. Klepikov, A.V. Lukyanova - M, 2014. - No. 6. - P. 48-51.
3. Kayumov N.K. Transition Economy of Tajikistan: Concepts, Goals and Development Mechanisms. - Dushanbe, IE and D AS RT, 2013. - 661s.
4. Manturov D.V. On the industrial policy of Russia for the 2018-2030 perspective. // Bulletin of MGIMO-University / D.V. Manturov. - M., 2018. - No. 4 (61). - P. 7-22.
5. Mirsaidov A.B. Cluster as a market institution for the development of a spatial economy // Economics of Tajikistan / A.B. Mirsaidov. - Dushanbe, 2016. - No. 1. - P.61-75.
6. Nizomova T.D. Restructuring of industrial enterprises in the transitional economy // Monograph / T.D. Nizomov. - Dushanbe: "Irfon", 2005. -130 p.;
7. Pulatova I.R. Formation and development of the industrial hub of the city in the conditions of transition to a market economy (on the example of the city of Khujand, Leninabad region of the Republic of Tajikistan) // Abstract of the thesis. diss. baroi darefti unvoni nomzadi ilmxoi itisodī / I.R. Pulatova - Dushanbe, 1999. - 25 p.;
8. Strizhakova E.N. The industrial system of Russia: factors of development // Bulletin of the Institute of Economics of the Russian Academy of Sciences / E.N. Strizhakov. Moscow, 2016. - No. 4. - P. 53 (p. 53-70).
9. Sukharev O.S. Economic policy: strategy and tactics // "Technological effectiveness" of the Russian economy and new measures of industrial policy. Zahirai electroni. URL: https://inecon.org/docs/Sukharev_PTPU_2016-05-8-22.pdf. (sanai murojiat 04/12/2021);
10. Sukharev O.S. Economic policy and industrial development. - M.: "Finance and statistics", 2011. - P. 48. (216 p.). ISBN: 9785279035007
11. Saidmurodov L.Kh. Long-term vision of the development of the Republic of Tajikistan // Tajikistan and the modern world / L.Kh. Saidmurodov, Dushanbe, 2015. - No. 6 (49). - P.20-25.;
12. Shamsiev, F.K. Theoretical aspects of the regional industrial system in the context of the formation of corporate relations // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. Social Sciences Series. Shamsiev F.K., Khodiev D.A. - Khujand, 2019. - No. 1 (78). - P.71-83.